# ТАБРИКОТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ СЛАВЯНИИ РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН, ПРОФЕССОР ФАЙЗУЛЛО МАШРАБ ҚУРБОНАЛӢ БАХШИДА БА РӮЗИ ДОНИШ ВА ДАРСИ СУЛҲ



Устодон ва донишҷӯёни азиз!

Соли нави хонишро барои ҳар яки шумо самимона табрик мегӯям. Нахустин рӯзи таҳсил бо таҷлили Рӯзи дониш, Рӯзи китоб ва Дарси сулҳ тавъам аст. Дар хама давру замон дониш, илму маърифат ба сиришт, ҳувияти миллати мо ва оромии кишварамон пайванди ногусастанӣ дорад. Аз ин хотир, ҷоиз аст, ки сухани нахустинро аз Сулҳ оғоз намоем. Дарси сулҳ дарсе мебошад, ки таърихан бо сабақгирию сабақгардонӣ вобастагӣ дорад. Ин раванд як навъ эҳтирому арҷгузорӣ ба хизмати Президенти кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва онҳоест, ки ҷомеа ва кишвари моро ба сулҳу ваҳдати миллӣ расондаанд.

Имсол мо 31-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҷлил хоҳем кард. Истиқлолият барои мо бузургтарин арзиш аст, зеро мо дар масири Истиқлол ба дастовардҳои назаррас ноил гаштем. Тӯли солҳои Истиқлолият таваҷҷуҳи роҳбарияти Давлат ва Ҳукумати кишвар, бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф торафт бештар гашта, Сарвари давлатамон дар сиёсати давлатдорӣ илму маорифро аз бахшҳои муҳим ва афзалиятнок донистаанд.

Ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон дар пешбурд ва амалисозии сиёсати маорифпарварона ва бунёдкоронаи Сарвари давлат пешраву пешсафанд. Бояд ёдовар шуд, ки Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон маҳз дар замони Истиқлол рушду нумуъ кард ва дар робитаҳои фарҳангии ду кишвар нақши боризе гузошт.

Устодону ҳамкорон ва донишҷӯёни гиромӣ!

Дар оғози соли нави таҳсил барои ҳамаи шумоён саломатӣ, рӯзгори осоишта ва баҳри пешрафти Ватани азизамон – Тоҷикистони соҳибистиқлол талошҳои созанда ва пурсамар таманно дорам! Тавре Носири Хусрави бузургвор таъкид кардааст:

*Чу хоҳӣ, то ки ёбӣ донишу ҳуш,*
*Макун панди ҳакимонро фаромӯш!*

.

Рӯзи дониш муборак!